ҚАРОРИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

аз «17» сентябри соли 2026 ш. Душанбе

Суханронии Олимзода Қутбиддин Зайнуддин дар мавзуи «Омӯзиши омилҳои асосии ташаккул ва истифодабарии оқилонаи захираҳои оби дарёи Зарафшон (Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия), тақризи муассисаи пешбар - Муассисаи давлатии «Институти омӯзиши пиряхҳо ва криосфераи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон», суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои техникӣ, директори Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои рақамии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Кодиров А.С., номзади илмҳои техникӣ, муаллими калони кафедраи «Метеорология ва климатология»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Одинаев Қ.Н., муқарризони ғайрирасмӣ – доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Пулатов Я.Э., доктори илмҳои техникӣ Носиров Н. ва доктори илмҳои техникӣ Гулаҳмадзода А.А.-ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Олимзода Қутбиддин Зайнуддин

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Олимзода Қутбиддин Зайнуддин дар мавзуи «Омӯзиши омилҳои асосии ташаккул ва истифодабарии оқилонаи захираҳои оби дарёи Зарафшон (Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Олимзода Қутбиддин Зайнуддин дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) ба Олимзода Қутбиддин Зайнуддин аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 8 нафар. Мукобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои техникӣ Гулаҳмадзода А.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ Шаймурадов Ф.И.